# ХУЛОСАИ
## ниҳоии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № ___
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 03.05.2024, № 49

Дар бораи сазовор донистани Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи диссертатсияи Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа» аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба ҳимоя дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 20-уми феврали соли 2024 (Протоколи №44) қабул гардидааст (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01шд).

Довталаби дараҷаи илмӣ Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович соли таваллудаш 08.04.1992, соли 2015 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Аз 18-уми сентябри соли 2018 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул мебошад. Аз соли 2017 то инҷониб омӯзгори кафедраи сиёсатшиноси факултети Сиёсат ва идораи давлати Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кор ва фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ**: Муродова Нигина Сулаймоновна – доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович –доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон

Файзов Рамазон Холмадович – доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии ДДҲБСТ номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Саидзода Ш., котиби маҷлис, номзади илмҳои сиёсӣ Яқубов Ҷ.К. ва омодасози лоиҳаи тақриз номзади илмҳои сиёсӣ Солиев Ш.Х. имзо гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Мадвалиев Ҷамолиддин

Аличонович дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Мадвалиев Ҷамолиддин Аличонович оид ба мавзуи диссертатсия 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Инчунин оид ба масъалаҳои мавзуи диссертатсионӣ дар 5 конференсияи сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ баромад намудааст, ки маводҳои онҳо чоп гардидаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда:**

[1-М]. Мадвалиев, Ҷ.А. Моҳият ва хусусиятҳои муҳимми терроризми муосир [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 2. – С. 309-316. ISSN: 2413-5151

[2-М]. Мадвалиев, Ҷ.А. Терроризм ва террор: тафовутҳо ва нишонаҳои фарққунандаи онҳо [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №7. – С. 333-338. ISSN: 2413-5151

[3-М]. Мадвалиев, Ҷ.А. Шаклҳои зоҳиршавии терроризм дар замони муосир [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №8. – С. 359-366. ISSN: 2413-5151

[4-М]. Мадвалиев, Ҷ.А. Ташаккули фаъолияти зиддитеррористӣ дар шароити муосир [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2021. – №3 (75). – С. 96-111. ISSN: 2075-9584

[5-М]. Мадвалиев, Ҷ.А. Заминаҳо ва омилҳои пайдоиши терроризми байналмилалӣ [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №5. – С. 273-281. ISSN: 2413-5151

[6-М]. Муродова Н.С., Мадвалиев Ҷ.А. Терроризм ва амалҳои террористӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа [Матн] / Н.С. Муродова, Ҷ.А. Мадвалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 1. – С. 276-283. ISSN: 2413-5151.

**Маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ:**

[7-М]. Мадвалиев, Дж.А. Факторы и предпосылки возникновения международного терроризма [Текст] / Дж.А. Мадвалиев // Развитие национальной государственности в период независимости: материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 03 сентября 2021 г.). – Душанбе, 2021. – С. 171-179.

[8-М]. Мадвалиев, Ҷ.А. Терроризми байналмилалӣ ва хусусиятҳои он [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш. Душанбе, 29 ноябри соли 2022). – Душанбе: ДМТ, 2022. – С. 292-297.

[9-М]. Мадвалиев, Ҷ.А. Таъсири терроризм ба суботи сиёсии ҷомеа [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Мақом ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи геополитикии минтақа: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 29 августи соли 2023). – Душанбе: ДМТ, 2023. – С. 207-220.

[10-М]. Мадвалиев, Ҷ.А Ташаккули худшиносии миллӣ ҳамчун воситаи мубориза бар зидди терроризм [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ» бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (3 октябри соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 399-408.

[11-М]. Мадвалиев, Ҷ.А. Тундгароӣ ва ифротгароӣ ҳамчун омилҳои асосии пайдоиши терроризм [Матн] / Ҷ.А. Мадвалиев // Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Терроризм ва экстремизм - хатар ба амнияти инсоният / таҳти назари д.и.и., профессор Шарифзода М.М. - Хуҷанд: Дабир, 2023. – С. 551-558.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:**

**Шарифзода Л.Ш.** - доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, сардори Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва ду эрод дорад:

- Дар қисмати мубрамии мавзуи таҳқиқшаванда аз ҷониби муаллиф мафҳумҳои терроризми байналхалқӣ ва терроризми муосир истифода шудаанд. Лекин дар рафти баёни андешаҳо бо истифодаи ин мафҳумҳо нуқтаи назари довталаби дараҷаи илмӣ муайян карда намешавад. Барои саҳеҳ ва фаҳмо гардидани андешаҳои илмӣ зарурати маълум мавқеи муаллиф нисбати истифодаи ин мафҳумҳо дар рисола ба миён меояд;
- Дар автореферати диссертатсия таҳқиқи масъалаҳои таъмини суботи сиёсии ҷомеа аз терроризм ва амалҳои террористӣ ба назар намерасанд. Тадқиқи ин масъала ба андешаи мо дар автореферат муҳим буд, зеро масъалаи таъмини суботи ҷомеа, масъалаи меҳварии таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад.

**Тураева З.Ю.** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

**Сабуров А.З.** - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии "МТҒ Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" Тақриз мусбат аст ва эрод надорад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар мавзуи

таҳқиқшуда, аз ҷумла дар бораи масъалаҳои зуҳурёбии терроризм ва амалҳои террористӣ дар замони муосир, таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа ва ғайра корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаҳои илми худ маҳсуб меёбанд. Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар самти омӯзиши масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ саҳми босазо дорад ва ба масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ, ба масъалаҳои терроризм, ифротгароӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа ва фаъолияти зиддитеррористии кишварҳо аҳамияти хосса медиҳад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардаии таҳқиқоти илмӣ:**

– асосҳои назариявию консептуалии масъалаҳои ҷудогонаи терроризм таҳлил гардида, дар ин замина моҳият ва хусусиятҳои муҳимтарини терроризми муосир нишон дода шудаанд;

– алоқамандии терроризм бо идеологияҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ таҳқиқ гардида, паҳншавии ғояҳои мазкур заминаи асосии ташаккули терроризм муайян гардидаанд;

– шаклҳои мухталифи зоҳиршавии терроризм таҳлилу баррасӣ гардида, дар ин замина махсусиятҳои зуҳури амалҳои террористӣ дар олами муосир нишон дода шудаанд;

– махсусиятҳои низоми мубориза ба муқобили терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити ҳозира таҳқиқ гардида, таҳаввулоти таҷрибаҳои зиддитеррористии давлатҳои алоҳида ва созмонҳои байналмилалӣ муайян карда шудаанд;

– таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шуда, бо назардошти дигаргуниҳои ҷаҳони муосир хусусиятҳои мубориза бо ин зуҳурот дар шароити навини давлатдорӣ нишон дода шудааст;

– масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти зиддитеррористӣ ва пешомади инкишофи онҳо таҳлил гардида, дурнамои таъмини суботи сиёсӣ ва пешгирии амалҳои террористӣ нишон дода шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ дар мавзуи диссертатсионӣ метавонад ҳамчун манбаи муҳимми илмӣ ва асоси таҷрибавӣ дар баррасии минбаъдаи масъалаҳои терроризм ва таъсири он ба суботи сиёсии ҷомеа истифода шаванд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо натиҷаи коркардҳои назариявии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар асоси онҳо муаллиф ҷамъбасти назариявӣ, хулосаҳои дақиқ, тавсияҳои амалиро пешниҳод намудааст, бештар рӯзмарра гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар пешбурди фаъолияти касбии мутахассисон дар коркардҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ ва кор бо воситаҳои ахбори омма бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таъмини суботи сиёсии ҷомеа муфид мебошанд.

Дар таҳқиқоти анҷомёфта моҳият, хусусият ва нишонаҳои терроризми муосир дар заминаи омӯзиш ва баррасии асарҳои илмию таҳқиқотии солҳои охир асоснок карда шудаанд, ки барои шинохти табиати терроризм дар шароити

муосир мусоидат менамояд. Гузашта аз ин, дар таҳқиқоти мазкур вобаста ба шаклҳои зоҳиршавии терроризм хулосаҳои илман асоснокшуда пешниҳод шудаанд, ки барои пешгирии ин падидаи номатлуб аҳамияти илмию назариявӣ доранд.

**Натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар воқеияти ҷамъиятӣ татбиқи васеи хешро пайдо менамоянд.** Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои муаллиф дар самти мубориза бо терроризм метавонанд аз ҷониби сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода бурда шаванд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот барои мукаммалгардонии қонунгузории кишвар, дар самти таълиму тарбияи миллии ҷавонон, дар раванди таълим ва ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ метавонанд истифода бурда шаванд. Таҳқиқоти мазкур барои муҳаққиқоне, ки дар оянда ба омӯзиши зуҳуроти терроризм ва экстремизм машғул мегарданд, маводи муфид маҳсуб меёбад. .

Дар раванди таҳқиқот муаллиф манфиатҳои миллии Тоҷикистон, аз ҷумла ҳифзи сохтори конститутсионии давлат, истиқлолияти давлатӣ, якпорчагии марзу бум, суботи сиёсӣ ва монанди инҳоро дар маркази диққат қарор дода, бо назардошти онҳо ба масъалаи терроризм баҳои илмию назариявӣ додааст, ки чунин хулосаҳо барои ташаккули стратегия ва барномаҳои муқовимат бо терроризм ва экстремизм хеле аҳамиятнок мебошанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** хулосаҳо ва пешниҳодоти таҳқиқот ба воситаи асосҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок гардидаанд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути асосҳои назариявию консептуалӣ ва методҳои илмии истифодашуда асоснок карда мешавад. Методҳои илмии истифодашуда бо методологияи таҳқиқоти илмҳои сиёсӣ пурра мувофиқат менамоянд. Дар таҳқиқоти мазкур сарчашмаҳои иттилоотии боэътимод таҳлил гардидаанд, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо такя ба онҳо таҳия шудаанд. Инчунин дар таҳияи натиҷаҳои таҳқиқот ва ҷамъбасти мантиқии онҳо назарияҳои илмии мавҷуда низ мусоидат кардаанд. Диссертатсияи мазкур дорои сохтори мукаммал буда, унсурҳои алоҳидаи мундариҷаи таҳқиқот бо ҳамдигар мухолифат надоранд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули чандинсолаи фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ–таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад.

Маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз таърихи 03-юми майи соли 2024 дар бораи сазовор донистани Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктор они илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Аз 12 нафар иштирокчиён, ки дар маҷлиси шуро ҳозир буданд, овоз доданд: тарафдор – 12, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор /______________/ Зокиров Г.Н.

И. в. котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих /______________/ Акрамӣ З.И.

03.05.2024.